Аз 30-юми июл то 13-уми августи соли 2016  дар худуди Федератсияи Россия, дар машкгохи «Алабино» Чемпионати чахон оид ба биатлони танкӣ (танковый биатлон) тахти унвони Мусобикаи умумихарбӣ-2016 («АРМИ-2016») баргузор мегардад, ки дар он дастахо аз Куввахои Мусаллахи 20 давлат иштирок менамоянд. Бори дуюм аст, ки дар ин мусобикаи умумихарбии байналмиллалӣ Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ширкат меварзанд ва дастахои ширкаткунанда 4 экипажи танкӣ ва як гурухи таъиноти техникиро ташкил медиханд.




Рохбарии дастаи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро дар мусобикаи мазкур муовини фармондехи Кӯшунхои хушкигард оид ба силох ва техникаи харбӣ полковник Махмадалӣ  Ашӯров бар ӯхда дорад.




Кабл аз мусобикаи биатлони танкӣ миёни дастахои иштироккунанда куррапартоӣ доир гардида, дар натича рангхои танкхои дастахои ширкаткунанда ва навбати онхо муайян карда мешаванд.




Мувофики нишондоди куррапартоӣ дастахо дар навбати худ байни хам сабкат хоханд кард. Мавриди зикр аст, ки баромади дастахо дар се мархила – мусобикаи индевидуалӣ, даври нимфиналӣ ва даври финалӣ чараён мегирад.

**Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон**